# ТАҚРИЗИ

*муқаррizи расмӣ ба рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар мавзуи* ***«Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо»****барои дарёфти дараљаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ)– шаҳри Душанбе, 2026, 10 саҳифа*

**Мутобиқати рисолаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси *19.00.05 – Психологияи иҷтимоӣ* аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон;*банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия мувофиқат мекунад.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Мушоҳидаҳои солҳои охир собит месозанд, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба бӯҳрони амиқи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ мебошад, ки паёмадҳои он дардаргириҳои беохир миёни кишварҳои мухталиф, коҳиш ёфтани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои гунгун, афзоиши ҷинояткорӣ ва қонунвайронкуниҳо, махсусан миёни наврасону ҷавонон, таҷассум меёбанд.

Табиист, ки зуҳуроти болозикр наметавонадба кишвари Тоҷикистонбетаъсир монад. Собиқаи барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ, Тоҷикистонро ба таъсири авомили болозикр махсусан ҳассос менамояд. Дар баробари ин, вазъи иқтисодии кишвар, ки зарурияти ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани яке аз волидон ва баъзан ҳарду волидайнро ба миён мегузорад, хатари беназорат мондани наврасону ҷавонон ва дар ин зимн ба қонунвайронкуниҳо даст задани онҳоро меафзояд.

Мутаассифона вазъи болозикр дар афзоиш ёфтани омори мунокишаҳои байни наврасони муассисаҳои таълимии гуногун, ки дар баъзе мавридҳо бо ҷароҳат бардоштан ва ҳатто марг анҷом мсёбанд, ҳамчунин афзоиши шумораи наврасони ҷиноятпеша исботи худро пайдо мекунад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, таҳқиқ ва омӯзиши сарчашмаҳои хушунат ва зӯроварӣ дар инсон, таҳлили амиқ ва ошкор намудани қонуниятҳои ташаккул ва рушди ин гуна зуҳурот аҳаммияти махсус касб менамояд. Ин гуна омӯзиш ба мо имконият медиҳад, ки бо таваҷҷуҳи саривақтӣ роҳҳои пешгирии чунин падидаҳои номатлубро муайян ва амалӣ намоем.

**Дараҷаи асосноккунии нуқтаҳои илмӣ.** Қобили қайд аст, ки ҳангоми таҳлилу баррасии мавзӯи таҳқиқотӣ унвонҷӯ доираи васеъи асарҳои марбутаи муҳаққиқони хориҷа ва ватаниро мавриди омӯзиши амиқ қарор додааст. Ин аст, ки дар қисмати назариявии диссертатсия проблемаи таҳқиқот аз мавқеъи илмҳои фалсафа, педагогика, психология ва сотсиология баррасӣ гардида, имкон додааст, то ҷанбаҳо ва паҳлӯҳои мухталифи он равшан карда шаванд. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки унвонҷӯ кӯшидааст, ки бештар ба таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ такя намуда, бо ин роҳ вижагиҳои ба ҷомеаи Тоҷикистон хоси проблемаи мавриди назарро инъикос намояд.

Агар ҷанбаи методологӣ ва назарияви рисолаи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалиро баррасӣ намоем, гуфтан мумкин аст, ки унвонҷӯ дар дақиқнамоии мафҳуҳои асосии таҳқиқотӣ, банизомдарорӣ ва ҷамъбастнамоии донишҳои назариявии мавҷуда оид ба зухуроти мавриди назар, ошкор намудани вижагиҳои зуҳуроти мазкур дар ҷомеаи Тоҷикистон комёб гардидааст. Табиист, ки дастоварди мазкур барои ташкил намудани таҳқиқоти густурда ва дар ин зимн пешгирӣ намудан ва бартараф намудани зуҳуроти бадхашмӣ дар наврасону ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Таҳлили муҳтавои рисолаи илмии унвонҷӯ имкон дод хулоса намоем, ки ӯ дар доираи масъалаи мавриди назар огоҳии хуби назариявӣ дошта, ҳамзамон аз усулҳо ва методҳои таҳқиқи амалӣ низ ба хубӣ бархурдор аст. Ҳамаи ин ба

номбурда имкон додаанд, то ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил гарданд ва ҳамзамон мавқеъҳои илмии пешниҳоднамудаашро илман ва амалан асоснок намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисолаи илмӣ бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дарсамти навгониҳои илмии унвонҷӯ ҳаминро гуфтан мумкин аст, ки ба ӯ муяссар гардидааст, то қонуниятҳои ҷараёнгирии агрессияро дар наврасону ҷавонон ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок намуда, усулҳои пешгирии ин зуҳуроти номатлубро бо дарназдошти вижагиҳои маҳал пешниҳод намояд. Рашван ва дақиқ намудани мафҳумҳои калидии мавзӯи мавриди назар афзалияти дигари коримазкур маҳсуб мешавад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

- бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили равонӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи сабабҳо ва омилҳои иҷтимоӣ-психологии зуҳури рафтори агрессивии наврасон анҷом дода шудааст;
- моҳияти мафҳуми «рафтори агрессивии наврасон» ба таври илмӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои хоси зуҳури он дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян гардидаанд;
- омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи наврасон дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян ва таҳлил шудаанд;
- тасниф ва тафриқаи шаклҳои рафтори агрессивии наврасон анҷом дода шуда, сабабҳо, хусусиятҳои зуҳури онҳо дар Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии чунин рафтор муайян карда шудаанд;
- тарз ва усулҳои назариявию амалии пешгирии рафтори агрессивӣ дар байни ҷавонон ва наврасон таҳия ва пешниҳод гардидаанд;
- робитаи агрессия бо як қатор хусусиятҳои шахсият, аз қабили экстраверсия, нейротизм, дурӯғгӯӣ ва ростгӯӣ, ошкор ва асоснок карда шудааст;
- хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ таҳлил ва исбот карда шудаанд;

5. Миёни сатҳи агрессия ва экстраверсия робитаи аз ҷиҳати оморӣ муҳим мушоҳида мегардад: ҳар қадарс атҳи экстраверсия баланд бошад, эҳтимоли зоҳиршавии рафтори агрессивӣ бештар мешавад.

6. Миёни агрессия ва нейротизм низ робитаи аз лиҳози оморӣ аҳамиятнок мавҷудаст: бо коҳиш ёфтани сатҳи нейротизм дараҷаи агрессия низ паст мегардад.

7. Миёни агрессия ва чунин хусусиятҳои шахсият, аз қабили дурӯғгӯӣ ва ростгӯӣ, робитаи аз ҷиҳати оморӣ фарққунанда муайян карда шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисолаи илмӣ зикршуда.** Дар рисола қонуниятҳои рушди агрессивнокӣ дар давраи наврасӣ, хусусиятҳои ҷинсии он, алоқаманди он бо шакли муассисаи таълимӣ ва чунин зуҳуроте ба монанди дарунгароӣ, берунгароӣ, нейротизм, дурғгӯӣ ва ростқавлӣ аз ҷиҳати илмию назариявӣ асоснок карда шудаанд.

Хулосаҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳиягардида ба вазифаҳои дар назди он гузошташуда ҷавобгӯ буда, тавсияҳои пешниҳодгардида, ки бо дарназардошти натиҷаҳои аз таҳқиқот бадастомада мураттаб гардидаанд, барои пешгирӣ намудани зуҳуроти номатлуби агрессия миёни ҷавонону наврасон мусоидат мекунанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии олимони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд.

**Ҳаҷм ва сохтори рисолаи илмӣ.** Рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар ҳаҷми 163 саҳифа бо сохтори иборат аз бахшҳои «Муқаддима», 3 боб, 6 зербоб, бахши «Хулосаҳо» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ» иборат аст.

Дар **муқаддима** аҳаммияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он арзёбӣ гашта, предмету объекти таҳқиқот, ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқоти илмӣ муайян карда шудаанд. Ҳар як боби он аз қисмати назариявӣ ва амалӣ иборат буда, барои дар амалия таҳким бахшидани донишҳои назариявии психологӣ мусоидат мекунад.

**Боби якуми** рисолаи илмӣ дар мавзуи *«Омӯзиши падидаи агрессия дар психология ва илмҳои ба он алоқаманд»* бахшида шуда, сохтор ва мундариҷаи он ҷиҳати таҳқиқи заминаи назариявӣ равона шудааст. Тақсими он ба 2 зербоб имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои гуногуни масъалаи агрессия дар наврасон, вобаста ба намояндагони ҷинсҳои гуногун аз нигоҳи психологӣ мавриди омӯзиш карор гиранд. Зербобҳо ба таври муфассал ва аз ҷиҳати илмӣ шарҳу возеҳ дода шудаанд, ки онҳо чунин тавсиф меёбанд:

Зербоби аввали боби якум ҳамчун *«Агрессия: муайян кардани ҳудуди рафтори агрессивӣ дар наврасон»* тавсиф меёбад. Дар ин зербоб андешаҳои мутафаккирон роҷеъ ба агрессия ва қонқниятҳои зуҳури он дар давраи наврасӣ варда шудаанд. Ҳангоми таҳлилу баррасии мавзуи мазкур унвонҷӯ кӯшидааст аз таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ аз қабили  П.В. Агапов., А. Адлер, З. Фрейд, Э. Фромм, В.Г Ананев, С. Қодиров, Н.М. Раҷабов, Б.Х. Саидзода, З.Р. Сафарова, М.Д. Комилова,  Н.Ф. Абдурашитов ва дигар истифода намояд.

Зербоби дуюми боби якум зери унвони *«Хусусиятњои психологии зоњиршавии агрессия дар наврасон»* барои амиқтар ворид гардидан ба проблемаи агрессия дар наврасон ва равшан кардани қонуниятҳо ва хусусиятҳои психологии он заминаи мусоид фароҳам меорад. Дар зербоби мазкур назари муҳаққиқони барҷастаи хориҷӣ ва ватанӣ таҳлилу баррасӣ гардида, аз натиҷаи он хулосаҳои барои таҳқиқоти амалӣ зарурӣ бароварда мешаванд. Мафҳумҳои таҳқиқотӣ равшану дақиқ гардида, шароитҳои ташаккул ва ҷараёнгирии агрессия равшан карда мешаванд.

**Боби дуюми** рисолаи илмии Ғуломзода С.Ф.  зери унвони *«Роҳҳои пешгирӣ ваислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон ва интихоби методҳои*

*таҳқиқотӣ»* ба омӯзиши назари муҳаққиқони мухталиф оид ба роҳу воситаҳои пешгирии рафтори агрессивӣ дар наврасон бахшида шудааст. Дар боби мазкур инчунин методҳои таҳқиқотӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Зербоби аввали боби мазкур мувофиқан *«Роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон»* номгузорӣ гардида, дар он унвонҷӯ кӯшидааст, то зимни таҳлилу баррасии адабиёти марбута қонуниятҳои синнусолӣ ва гендерии ҷараёгирии зуҳуроти агрессияро таҳқиқ намуда, дар ин замина роҳу воситаҳои пешгирӣ намудан ва ислоҳ намудани онро пешниҳод намояд. Қобили зикр аст, ки дар зербоби мазкур унвонҷӯ бештар ба ошкор намудани сарчашмаҳо ва омилҳои пайдоиши агрессия дар давраи наврасӣ диққат дода, дар ин зимн нақши оиларо дар саривақт ошкор намудан ва пешгирӣ намудани ин падидаи номатлуб бузург арзёбӣ мекунад. Ҳамзамон ӯ таъкид менамояд, ки танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ аз қабили оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва, умуман, ҷомеа пешгирӣ ва ислоҳи агрессия дар давраи наврасӣ имконпазир мегардад.

Зербоби дуюми боби мазкур *«Тавсифи методҳои таҳқиқотӣ ва интихоби озмудашавандагони майл ба рафтори агрессивидошта»* унвонӣ дошта, дар он унвонҷӯ принсипҳои интихоби гурӯҳҳои таҳқиқотиро тавсиф намуда, ҳамзамон оид ба ташкили таҳқиқот, муайян намудани ҳудуди гурӯҳҳои таҳқиқотӣ ва макони гузаронидани таҳқиқот маълумот медиҳад. Дар баробари ин ӯ меодҳои таҳқиқотии зуҳуроти агрессияро дар наврасон тавсиф намуда, интихоби методикаи Айзенк дар модификатсияи Т.В. Матолин ва тести ташхиси агрессивнокии Басс – Даркро асоснок менамояд.

**Боби сеюми** рисолаи илмӣ *"Таҳқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта"* номгузорӣ гашта, қисмати озмоишии таҳқиқотро ташкил медиҳад. Дар он натиҷаи аз ташхиси психологӣ бадастомада ва таҳлилу баррасии онҳо тавсиф мегардад.

Зербоби якуми боби мазкур – *«Коркарди натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта»* номгузорӣ шуда,

дар он кори озмоишӣ бо мақсади санҷиши фарзияи кории таҳқиқот ва тасдиқи шароитҳои психологию педагогӣ роҳандозӣ гаштааст ва вобаста ба давраҳо ташкил ва гузаронида шудааст. Дар зербоби мазкур инчунин методҳои ташхисӣ тавсиф гардида, истифодаи нҳо асоснок карда мешавад.

Зербоби дуюми боби сеюм *«Шарҳи натиҷаҳо ва баррасии фарзияҳои таҳқиқот»* номгузорӣ гардида, дар он ҳар як фарзияи пешниҳодгардида бо натиҷаҳои аз таҳқиқоти озмоишӣ бадастомада қиёс карда шуда, асоснок мешаванд. Эътимоднокии натиҷаҳои бадастомадаро истифодаи методҳои омории таҳлили натиҷаҳо (санҷиши алфаии Кронбах ва нармафзори SPSS таҳлилшуда, коэффисиенти коррелятсияи Пирсон) тақвият мебахшанд.

**Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқоти унвонҷӯ.** Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод гардида, дар онҳо дурнамои мавзуи таҳқиқот муайян шудааст. Аҳаммияти назариявии рисолаи илмӣ дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи зоҳиргардӣ ва рушдёбии зуҳуроти агрессия ва омилҳои асосии он дар наврасон аз назари илмҳои психологиву педагогӣ ва физиологӣ муайян ва асоснок гардида, роҳу усулҳои пешгирии он тахия гардидаанд. Ҳамчунон дар ҷараёни баррасӣ унвонҷӯ кӯшиш кардааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро дар доираи талаботи назариявию методологӣ муайян ва асоснок намояд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот бадастовардашуда, хулосаю тавсияҳои рисолаи илмӣ ҳангоми коркарди барномаҳо барои психологҳои мактабӣ ва волидон ҷиҳати пешгирӣ ваислоҳи рафтори агрессивии наврасон дар шароити муосир мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

Оид ба **аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқот** ҳаминро зикр кардан зарур аст, ки масъалаи таҳлили назариявӣ ва таҳқиқи амалии зуҳуроти агрессия дар наврасон дар замони муосир ва дар ин зимн коркарди роҳу усулҳои пешгирӣ ва ислоҳи он аз масоили доғи рӯз маҳсуб гашта, барои бартараф гардидани ин падидаи номатлуб заминаи илмию амалӣ фароҳам меорад. Таҳқиқоти мазкур саҳми арзандаест барои соҳаҳои илм психология ва педагогика, ҷиҳати дуруст

ба роҳ мондани рафти таълиму тарбияи насли наврас ва пешгирии рафтори агрессивӣ дар онҳо.

**Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ** ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

**Автореферати** рисолаи илмӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди ҳамаи он баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд ва онҳоро метавон чунин номбар кард:

1. Дар рисола баъзан носуфтагии забон дар баёни калимаю ибораҳо ба чашм мерасанд.
2. Дар диссертатсия танҳо ду методикаи таҳқиқотӣ истифода гардидааст. Хуб мебуд, агар барои боз ҳам эътимоднок гардидани натиҷаҳои бадастомада ӯнвонҷӯ аз методикаҳои бештар истифода мекард.
3. Дар таҳқиқот бештар ба асарҳои муҳаққиқони хориҷӣ муроҷиат карда мешавад. Таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик ба таври кофӣ мавриди истифода қарор нагирифтаанд.
4. Дар осори адабии халқи тоҷик намунаи сершумори роҳу усулҳои тарбияи дурусти насли наврас мавҷуданд. Агар унвонҷӯ зерфаслеро ба таҳлили осори ниёкон, ки фарогири масъалаи таълиму тарбияи дурусти кӯдакону наврасон бошад, мебахшид, қиммати кораш дучанд мегардид.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда аҳамияти назарию амалии рисолаи илмии мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар умум, рисолаи илмие, ки аз тарафаи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ

дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ) пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ,
профессор, мудири кафедраи
психологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро Назаров А.М.

"28" январ соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ш.Бухоро, кӯчаи М. Иқбол, 11.
Почтаи электоронӣ: akmal_uzman@mail.ru
Тел: (+998) 93-686-88-58

"Имзои доктори илмҳои психологӣ,профессор А.М.Назаровро тасдиқ менамоям":

Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Бухоро Файзиева У.А.